«Тасдиқ мекунам»:
Ректори ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
Гулназарзода Ж.Б. ____________
аз «___» ________ 2026

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад дар мавзуи **«Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон дар кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Шафоати Сангиҳмад соли 2014 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси "Забон ва адабиёти тоҷик" хатм кардааст.

Номбурда тибқи фармоиши Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои идома додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ (барои ба анҷом расонидани рисолаи номзадӣ) ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба гурӯҳи буҷавӣ қабул шудааст (фармоиш барои қабул № 411-05 аз 28.10.2020) ва онро дар таърихи 20.12.2024 (№505 - 05) хатм кардааст.

Айни замон, ба ҳайси муаллими калони кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30.03. 2021 бо қарори №7 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии Шафоати Сангиҳмад доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Гулназарзода Жило Бӯрӣ** мебошад.

Унвонҷӯ Шафоати Сангиҳмад имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои "Таърих ва фалсафаи илм" бо баҳои «хуб» (15-июни соли 2022), "Забони хориҷӣ (англисӣ)" бо баҳои «хуб» (14-июни соли 2024) ва аз рӯйи ихтисос – "Назарияи забон", бо баҳои «аъло» (14-феврали соли 2026)

супоридааст ва Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба ӯ 18-феврали соли 2026, №8 маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст. Унвонҷӯ диссертатсияи илмии худро дар мавзуи **“Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)”** барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон омода намудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 27-уми марти соли 2026, №8 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)» чунин хулоса қабул карда шуд:

Мавзуи диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад дар забоншиносии тоҷик мавзуи нав буда, масъалаи маъношиносӣ, заминаҳои ташаккулу рушди маъно ва маъношиносӣ, шарҳи маънои луғавии калима, хусусияти навъҳои маънои луғавӣ, категорияҳои луғавӣ ва қабатҳои маъноӣ, ки аз ҷумлаи масъалаҳои меҳварии илми забоншиносӣ, хоссатан, бахши маъношиносии он ба ҳисоб меравад, дар бар мегирад ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисос ва ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон мутобиқат менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503) ва Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.11.2020, №647) иртибот дорад.

Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат менамоянд.

Мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад дар ироаи маърузаву гузоришҳо дар конференсия ва семинарҳои ҳамасолаи илмиву назариявии ҳайати профессорон ва устодони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Нуктаҳои асосии таҳқиқ дар шакли

мақолаҳои илмӣ пешниҳодшуда, натиҷагириву хулосабарориҳои таҳқиқ дараҷаи эътимоднокии мавзуъро собит менамоянд.

Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки дараҷаи омӯзиши семантикаи воҳидҳои луғавии ашъори Хоқониро муайян намуда, роҳҳои таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои марбут ба маъношиносӣ, луғатшиносӣ, ҷудо намудани гурӯҳҳои маъноии вожаҳо, мавриди истифодаи онҳоро ҳангоми таҳқиқ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор додааст. Ҳамчунин, унвонҷӯ бо такя ба маводди фаровони забоншиносон вижагиҳои маъноии ашъори шоирро муайян кардааст.

Диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад дар мавзуи «Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)» бо ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон мутобиқат менамояд.

Диссерататсия аз муқаддима, 3 боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад дар 8 мақолаи муаллиф, ки аз миёни онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар маҷмуаи маърузаю гузоришҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шудаанд, инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1-М]. Шафоати, С. Вожаҳои муттазод дар осори Хоқонии Шервонӣ / С. Шафоати // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2022. – №4 (48).– С. 68–76.

[2-М]. Гулназарзода, Ж.Б., Шафоати, С. Заминаҳои ташаккулу рушди маъно ва маъношиносӣ / Ж.Б. Гулназарзода, С. Шафоати // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2025. – №1(57). – С. 185-189.

[3-М]. Шафоати, С. Вожаҳои ифодагари шуғлу мансаб ва касбу кор дар осори Хоқонии Шервонӣ / С. Шафоати // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2025, №2(58). – С.170 – 176. ISSN 2226-9355

[4-М]. Шафоати, С. Омонимҳо дар осори Хоқонии Шервонӣ / С. Шафоати // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Кӯлоб, 2025 – №3-2 (40). – С. 323–329.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷаллаҳои дигар:**

[5-М]. Шафоати, С. Сермаъноӣ дар ашъори Хоқонии Шервонӣ / С. Шафоати // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантон, магистрантон ва донишҷӯёни ДДЗТ ба номи С. Улуғзода таҳти унвони «Таҳқиқи масъалаҳои муҳимми илмҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва дақиқ дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот». – Душанбе. – 2022. – С. 53-58.

[6-М]. Шафоати, С. Вожаҳои муродиф дар ашъори Хоқонии Шервонӣ / С. Шафоати // Забон – рукни тоат. – Душанбе, 2023, №14. – С. 284 – 290.

[7-М]. Шафоати С. Вожаҳои ифодагари хешутаборӣ дар ашъори Хоқонии Шервонӣ / С. Шафоати // Маводи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ таҳти унвони «Забони тоҷикӣ дар арсаи паёмадҳои нав». – Душанбе, 2024. – С. 156-160.

[8-М]. Шафоати, С. Вожаҳои ифодаи маънои вақту замон дар ашъори Хоқонии Шервонӣ / С. Шафоати //Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ-амалии байналмилалии «Ҷойгоҳи забони тоҷикӣ дар ҳифзу густариши арзишҳои минтақаи Осиё». – Душанбе, 2025. – С. 407-411.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад дар мавзуи «Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон кори анҷомёфта ҳисобида шавад;
2. Диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад дар мавзуи «Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон бо назардоштиислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии

забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода санаи 27-уми марти соли 2026, протоколи №8 қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 14 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 14 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Қарори №8 аз 27.03.2026.

Раиси ҷаласа:
Мудири кафедраи назария ва
амалияи забоншиносии ДБЗХТ
ба номи Сотим Улуғзода, номзади
илми филологӣ, дотсент Сафарова Гулчеҳра Файзовна

Котиби ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ, муаллими
калони кафедраи назария ва амалияи
забоншиносии ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Каримзода Самариддин

Имзоҳои Сафарова Г.Ф. ва Каримзода С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

«27» марти соли 2026